Замима
ба фармоиши Вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 апрели соли 2025, № 40

# Д А С Т У Р А М А Л
## оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028
## (Марҳилаи 1)

ш. Душанбе 2025

**МУНДАРИҶА**

**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ........................................................................ 3**

**2. НАҚШАИ ТАҚВИМИИ ТАҲИЯИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2027... 6**

**3. СОХТОРИ ЛОИҲАИ САМТҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИЮ БУҶЕТӢ ВА АНДОЗӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2028 ........................................ 8**

**4. ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ МАРҲИЛАИ СТРАТЕГӢ: .................................... 10**

**БАНАҚШАГИРИИ ХАРОҶОТИ БАРНОМАҲОИ СИЁСАТИ БУҶЕТӢ.. 10**

**4.1. ҲИСОБИ БУҶЕТИ ЗАМИНАВӢ ................................................................ 10**

**4.2. ДАРХОСТҲО БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАШАББУСҲОИ НАВ... 12**

**5. ҲИСОБ ВА ТАҚСИМОТИ ҲАДДИ НИҲОИИ ХАРОҶОТ ....................... 13**

**6. МУҲОКИМАИ БУҶЕТӢ ........................................................................... 13**

**Замимаҳо. ............................................................................................................ 16**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028 (марҳилаи 1) (минбаъд Дастурамал) дар асоси моддаи 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, барномаҳои давлатӣ, супоришҳои протоколии маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

2. Мувофиқи моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷараёни таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ дар ду марҳила амалӣ карда мешавад:

- дар марҳилаи якум Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдор лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи банақшагирии буҷет (дар асоси принсипҳо ва шакли барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ) таҳия намуда, онро барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

- марҳилаи дуюм аз таҳияи муфассали лоиҳаи буҷети давлатӣ иборат буда, дар заминаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозии аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқулдонисташуда ва тақсимоти ҳадди ниҳоии хароҷот барои тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ (минбаъд ТАМБ) амалӣ карда мешавад.

3. Дастурамали мазкур тартиби таҳияи лоиҳаи Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозиро барои солҳои 2026–2028 муайян намуда, давраи аз 3 феврал то 30 июни соли 2025-ро дар бар мегирад.

4. Лоиҳаи Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи миёнамуҳлат дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин таҳия мегардад:

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», «Дар бораи боҷи давлатӣ»;
- кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фармон, амр, паём ва супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қарор ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикистон;
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои миёнамуҳлати он;

- барнома ва стратегияҳои соҳавӣ ва минтақавӣ;
- барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ;
- баҳодиҳии пешакии нишондиҳандаҳои асосии макроиқдисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои ин барои ду соли минбаъда;
- таҳлил, мониторинг ва баҳодиҳии иҷрои буҷет.

5. Таҳияи лоиҳаи Самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи миёнамуҳлат аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ Тоҷикистон ва вазорату идораҳои дахлдор, ки барои омода намудани дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, қурби асъор, таваррум, тағйирёбии тарофаҳо барои хизматрасонии субъектҳои монополияҳои табиӣ ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ ваколатдор мебошанд, амалӣ карда мешавад.

6. Дар раванди марҳилаи якуми таҳияи буҷети давлатӣ ҳамгироии афзалиятҳои стратегӣ аз рӯйи самтҳои дахлдор тавассути барномаҳои сиёсати буҷетӣ таъмин карда мешавад.

7. Дар ин замина, мутобиқ ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар барномаҳои сиёсати буҷетӣ тибқи ҷадвали №1 масъул мебошанд (минбаъд ТАМБ-и пешбаранда):

Ҷадвали №1. Барномаҳои сиёсати буҷетӣ

| Боби I. ТАҲКИМИ ИҚТИДОРИ ИНСИТУТСИОНАЛИИ КИШВАР | | |
|---|---|---|
| Самтҳои афзалиятноки Стратегияи миллии рушд | Барномаҳои сиёсати буҷетӣ | ТАМБ-и пешбаранда |
| 1. Низоми самарабахши идоракунии давлатӣ | 1. Идоракунии давлатии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ | Вазорати молия |
| | 2.Идоракунии молияи давлатӣ | Вазорати молия |
| | 3. Волояти қонун | Вазорати корҳои дохилӣ |
| 2. Рушди минтақаҳо | 4. Рушди стратегии минтақаҳо | Кумитаи рушди маҳал |
| БОБИ II. РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ | | |
| 3. Маориф ва илм | 5. Таҳсилоти босифат ва дастрас | Вазорати маориф ва илм |
| | 6.Таҳсилоти касбӣ-техникӣ | Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ |
| 4. Солимӣ ва дарозумрӣ | 7. Солимӣ ва дарозумрӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| 5. Ҳифзи иҷтимоӣ | 8. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |

| | | |
|---|---|---|
| | 9. Сиёсати нафақа | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа |
| 6. Фарҳанг | 10. Фарҳанг (Сиёсати ҷавонон ва варзиш) | Вазорати фарҳанг, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш |
| 7. Муҳити зист | 11. Хоҷагии коммуналӣ ва ободонӣ | Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ |
| | 12. Ҳифзи муҳити зист ва экология | Кумитаи ҳифзи муҳити зист |
| 8. Паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ | 13. Паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ | Вазорати адлия |
| БОБИ III. СИФАТИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА САМАРАНОКИИ БАХШИ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ | | |
| 9. Бахши воқеӣ | 14. Таъмини истиқлоли энергетикӣ | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| | 15. Саноатикунонии босуръат | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| | 16. Инноватсия ва рушди иқтисоди рақамӣ | Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ |
| | 17. Рушди устувори кишоварзӣ ва истеҳсолоти аграрӣ (Бехатарии озуқаворӣ) | Вазорати кишоварзӣ |
| | 18. Идоракунии самараноки захираҳои обӣ | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| | 19. Рушди сайёҳӣ | Кумитаи рушди сайёҳӣ |
| | 20. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва иқтидори транзитии кишвар | Вазорати нақлиёт |
| 10. Шуғл | 21. Таъмини шуғли пурмаҳсул | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| 11.Иқлими сармоягузорӣ | 22. Рушди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |

8. Ҳисоби хароҷоти заминавии буҷетҳои маҳаллӣ мустақилона аз ҷониби мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси дастури Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда мешавад. Шакли таҳия ва пешниҳоди маводҳо замима мегардад (замимаи 4).

9. Мутахассисони масъул оид ба барномаҳои дахлдори сиёсати буҷетӣ дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳоро ҷамъбаст менамоянд.

10. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самтҳои дигари барномаҳои сиёсати буҷетиро, ки дар ҷадвали 1 нишон дода нашудааст, муайян менамояд.

11. Мувофиқи муқаррароти қисми 3 моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ТАМБ-ҳои пешбаранда тибқи ҷадвали 1 амалӣ намудани чорабиниҳои зеринро таъмин менамоянд:

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷети барномаҳои дахлдори сиёсати буҷети/соҳаро[1] таҳия ва ба Вазорати молия пешниҳод менамоянд;

- дархостҳи худро барои татбиқи ташаббусҳои нави буҷетӣ мутобиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ, пешниҳод менамоянд;

- тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур буҷети заминавии барномаи дахлдорро таҳия менамоянд;

- хароҷоти сармоягузории барномаро ба нақша мегиранд.

## 2. НАҚШАИ ТАҚВИМИИ ТАҲИЯИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2028

| № | Чорабиниҳо | Муҳлати ниҳоӣ | Мақомоти масъул давлатӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Арзёбии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои солҳои 2026-2028 (замимаи 1) | 3 марти соли 2025 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Лоиҳаи Нақшаи миёнамуҳлати сармоягузорӣ (замимаи 2, шакли 2,3-2,5) | 3 марти соли 2025 | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. | Ба ТАМБ-ҳои соҳавӣ пешниҳод намудани намудани нишондиҳандаҳои заминавии сармоягузории асосии мутамарказ | 20 марти соли 2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4. | Пешниоҳоди маълумот оид ба воридоти андозию ғайриандозӣ ва имтиёзҳои андозии татбиқшудаи соҳавӣ дар доираи талаботи фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №120-ф аз 26 декабри соли 2024 | 1 апрели соли 2025 | Вазорату идораҳои дахлдор |
| 5. | Муайян намудани ҳадди ниҳоии пешакӣ хароҷоти барномаҳои сиёсати буҷетӣ (ҷадвали 1 дастурамал) | 5 майи | Сохторҳои дахлдори Вазорати молия |
| 6. | Пешниҳоди дархост ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маблағгузории стратегияи миёнамуҳлати Барномаи сиёсати буҷетӣ (замимаи № 2) | 12 майи соли 2025 | ТАМБ-ҳои пешбаранда |
| 7. | Муайян ва пешниход намудани ҳадди ниҳоии хароҷоти (замимаи №3) | 16 майи соли 2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8. | Муҳокимаи буҷетӣ оид ба ҳадди ниҳоии хароҷот (нишондиҳандаҳои хисобии харочоти заминавӣ ва маблаггузории | 19-23 майи 2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ТАМБ |

[1] Ниг.ба Ҷадвали 1. Барномаҳои сиёсати буҷетӣ

| | | | |
|---|---|---|---|
| | тадбирхои нав) | | |
| 9. | Пешниҳод намудани лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои солҳои 2026-2028 ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3 июни соли 2025 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |

12. Вазорату идораҳо то 10 марти соли 2025 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили сесолаи афзоиш ва тағйирёбии маблағҳои махсус аз ҳисоби хизматрасонии давлатӣ ва номгуи онҳоро дар шакли ҷадвал пешниҳод намоянд.

13. Ҳангоми риоя накардани муҳлатҳо ва пешниҳод нагардидани дархостҳои буҷетӣ аз ҷониби вазорату идораҳои соҳавӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад мустақилона дар лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2026-2028 маълумоти вазорату идораҳои дахлдорро дар асоси нишондиҳандаҳои буҷети тасдиқшудаи соли 2025 барои ин ташкилот ворид намояд.

14. Пешниҳоди ТАМБ-ҳои пешбаранда дар доираи нишондихандаҳои индикативии барномаҳои сиёсати буҷетӣ тибқи ҷадвали 2 таҳия карда мешаванд.

Ҷадвали 2. Нишондихандаҳои индикативии барномаҳои сиёсати буҷетӣ барои солҳои 2025-2028

| Барномаҳои сиёсати буҷетӣ | **Соли 2025** | **Соли 2026** | **Соли 2027** | **Соли 2028** |
|---|---|---|---|---|
| 1. Идоракунии давлатии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ | 980 427 938 | 1 046 508 781 | 1 093 769 329 | 1 143 865 511 |
| 2.Идоракунии молияи давлатӣ | 185 271 100 | 202 093 716 | 211 284 645 | 221 027 029 |
| 3. Волоияти қонун | 202 369 334 | 220 744 470 | 230 783 607 | 241 425 094 |
| 4. Рушди стратегии минтақаҳо | 2 901 479 280 | 3 164 933 599 | 3 308 870 183 | 3 461 442 962 |
| 5. Таҳсилоти босифат ва дастрас | 2 069 972 617 | 2 262 480 070 | 2 365 167 272 | 2 474 015 706 |
| 6.Таҳсилоти касбӣ-техникӣ | 367 135 730 | 400 471 654 | 418 684 524 | 437 990 165 |
| 7. Солимӣ ва дарозумрӣ | 717 198 415 | 782 320 031 | 817 898 810 | 855 612 316 |
| 8. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | 459 710 896 | 501 452 645 | 524 257 983 | 548 431 642 |
| 9. Сиёсати нафақа | 467 547 727 | 510 001 061 | 533 195 168 | 557 780 922 |
| 10. Фарҳанг + Сиёсати ҷавонон ва варзиш | 233 549 541 | 254 755 839 | 266 341 765 | 278 622 846 |
| 11. Хоҷагии коммуналӣ ва ободонӣ | 90 866 622 | 99 117 311 | 103 625 023 | 108 403 197 |
| 12. Ҳифзи муҳити зист ва экология | 78 558 581 | 85 691 700 | 89 588 834 | 93 719 796 |
| 13. Паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ | 8 833 090 | 9 635 135 | 10 073 327 | 10 537 810 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. Таъмини истиқлоли энергетикӣ | 2 884 944 479 | 3 146 897 438 | 3 290 013 763 | 3 441 717 069 |
| 15. Саноатикунонии босуръат | 120 360 252 | 131 288 963 | 137 259 794 | 143 588 876 |
| 16. Инноватсия ва рушди иқтисоди рақамӣ | 47 215 600 | 51 502 776 | 53 845 048 | 56 327 856 |
| 17. Рушди устувори кишоварзӣ ва истеҳсолоти аграрӣ + Бехатарии озуқаворӣ | 262 830 684 | 286 695 710 | 299 734 215 | 313 555 030 |
| 18. Идоракунии самараноки захираҳои обӣ | 160 418 551 | 174 984 555 | 182 942 599 | 191 378 125 |
| 19. Рушди сайёҳӣ | 15 452 788 | 16 855 901 | 17 622 483 | 18 435 060 |
| 20. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва иқтидори транзитии кишвар | 319 761 920 | 348 796 302 | 364 659 052 | 381 473 566 |
| 21. Таъмини шуғли пурмаҳсул | 91 233 585 | 99 517 595 | 104 043 510 | 108 840 981 |
| 22. Рушди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ | 42 442 982 | 46 296 805 | 48 402 316 | 50 634 158 |

15. Нишондиҳандаҳои пешниҳодшаванда метавонанд дар фосилаи 10-12% хароҷоти мазкур кам ё зиёд ҳисоб гардида, тағйироти зиёда аз он дар ҷаласаи гуруҳи кории буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима карда мешавад.

16. Тартиби муҳокимаи буҷетӣ тибқи боби 8 Дастурамали мазкур амалӣ мегардад.

## 3. СОХТОРИ ЛОИҲАИ САМТҲОИ АСОСИИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВИЮ БУҶЕТӢ ВА АНДОЗӢ БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2028

17. Сохтори лоиҳаи самтҳои асосии давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ қисм ва ҷузҳои зеринро дарбар мегирад:

***1. Тамоюли рушди макроиқтисодӣ ва чорчӯбаи макрофискалӣ***

а) тағйирот дар сиёсати давлатии андоз;

б) касри буҷет;

в) дурнамои даромади буҷети давлатӣ (аз рӯйи манбаҳои даромад) дар давраи миёнамуҳлат;

г) дурнамои хароҷоти буҷети давлатӣ аз рӯйи соҳаҳо ва барномаҳои сиёсати буҷетӣ (зербарномаҳо) дар давраи миёнамуҳлат;

д) матритсаи нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Чумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030 (СМР), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025 (БМР), агар мутобиқ бошад бо дарназардошти Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) дар робита бо нишондиҳандаҳои буҷет;

е) қарзи давлатӣ ва хароҷот барои хизматрасонӣ ва пардохти қарзи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат, аз ҷумла аз рӯйи ӯҳдадориҳои кафолатҳои давлатӣ.

***2. Афзалиятҳои*** **буҷетии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат:**

а) ҳадафҳои стратегӣ ва вазифаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи СМР, БМР ва ҲРУ;

б) барномаҳо/нақшаҳои соҳавӣ (дар асоси нақшаҳои миёнамуҳлати амал);

в) ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи барномаҳои сиёсати буҷетӣ (гурӯҳбандии вазифавӣ ва иқтисодӣ).

18. Чорчӯбаи миёнамуҳлати макрофискалӣ ҷадвали миқдориро дар бар мегирад, ки аз нуқтаи назари муносибати пайдарпаӣ воситае барои таҳияи ҷанбаҳои гуногуни сиёсати иқтисодии давлат мебошад. Дар чорчӯбаи меъёрҳои миёнамуҳлати макроиқтисодӣ ҷадвали нишондиҳандаи миёнамуҳлати фискалӣ ташаккул дода мешавад, ки нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти буҷетро инъикос менамояд.

19. Дурнамои даромади буҷети давлатӣ тибқи Дастурамал оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ[2], ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоиши ВМ ҶТ аз 8.04.2022, №63) тасдиқ шудааст, амалӣ мегардад. Ҷадвали маълумоти ҷамъбастӣ оид ба дурнамои даромади Буҷети давлатӣ дар Замимаи 1 оварда шудааст.

20. Хадди ниҳоии хароҷот аз рӯи барномаҳо дар асоси чорчӯбаи миёнамуҳлати фискалӣ (ЧМФ) муайян гардида, нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад (Замимаи 3):

- нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ аз рӯйи самтҳои сиёсати хароҷоти давлатӣ;
- ташаббусҳои нави буҷетии (тадбирҳои сиёсат) қабулшуда, ки дар асоси афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли ва мутобиқи Матрисаи амали Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021- 2025, ҲРУ ва барномаҳо, стратегияҳои ҷории миллӣ ва соҳавӣ таҳия карда шудаанд;

21. Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи барномаҳои сиёсати буҷетӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва дар муддати 7 рӯз пас аз маъқул донистани он аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

---

[2] Дар сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/753

## 4. ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ МАРҲИЛАИ СТРАТЕГӢ: БАНАҚШАГИРИИ ХАРОҶОТИ БАРНОМАҲОИ СИЁСАТИ БУҶЕТӢ

22. ТАМБ-ҳои пешбаранда (мутобиқи ҷадвали №1), дархост барои маблағгузории Стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти (дархости БМХД) барномаҳои сиёсати буҷетӣ таҳия менамоянд.

23. Шаклу ҷадвалҳо барои омода намудани БМХД дар замимаи №2 мутобиқи сохтори зерин таҳия карда мешаванд:




24. ТАМБ-ҳои пешбаранда бо мақсади амалӣ намудани марҳилаи стратегии банақшагирии буҷет гурӯҳҳои кории байниидоравиро таъсис медиҳанд.

25. Ба ҳайати гурӯҳҳои корӣ намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки барномаҳои буҷетиро дар доираи маблағгузории самти дахлдори хароҷот амалӣ менамоянд, шомил карда мешаванд.

26. Мавод ва ҳуҷҷатҳои ниҳоӣ ҳатман бо протоколи гурӯҳи корӣ дар шакли чопӣ ва электронӣ ба гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабули қарор пешниҳод карда мешавад.

### 4.1. ҲИСОБИ БУҶЕТИ ЗАМИНАВӢ

27. Буҷети заминавӣ танҳо хароҷотеро дар бар мегирад, ки барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда ва бо риояи сатҳи талаботе, ки дар солҳои молиявӣ барои фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ мушаххас муайян гардидаанд.

28. Буҷети заминавӣ аз хароҷоти буҷетие, ки сиёсати ҷориро инъикос менамояд ва уҳдадориҳои пардохтӣ, ки ба нишондиҳандаҳои нақшавии буҷети тасдиқшудаи соли 2025 асос меёбанд, иборат аст. Уҳдадориҳо метавонанд ду намуд шаванд:

(i) ухдадориҳои қонунӣ – дар қонунгузорӣ пешбинишуда

(ii) уҳдадориҳое, ки дар ҳолати ба имзо расонидани шартномаҳои зиёда аз як соли молиявиро фарогиранда, ба вуҷуд омадаанд.

29. Буҷети заминавӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, хароҷоти заминавии ҷорӣ ва асосиро аз рӯйи барномаҳои сиёсати буҷетӣ дар бар мегирад.

30. ТАМБ-ҳои пешбаранда ҳисоби хароҷоти ҷории заминавии барномаи дахлдор, аз ҷумла хароҷоти ҷамъбастии буҷети маҳаллиро амалӣ намуда, дар мухлатҳои муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Ҳисоби хароҷоти базавии ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ мувофиқи гурухбандии барномавӣ (ниг. ба замимаи №2).

31. Ҳисоби хароҷоти заминавии буҷетҳои маҳаллӣ, мувофиқи гурӯҳбандии вазифавии буҷет таҳия карда мешавад (замимаи 4).

32. Ҷараёни таҳияи буҷети заминавӣ аз рӯйи барномаҳо чорабиниҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳлили сиёсати стратегӣ, ки вазъи гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандонро нишон медиҳад;
- маълумот оид ба нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои иҷрои ҳар як самти фаъолият (дар робита бо нишондиҳандаҳои ҲРУ ва дар мавридҳои зарурӣ - нишондиҳандаҳои тақсимоти гендерӣ);

33. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии хароҷоти заминавии сармоягузориро амалӣ менамояд. Дар ҳисоби хароҷоти заминавӣ лоиҳаҳои амалкунандаи сармоягузорӣ ва иншоотҳои сармоягузории давлатӣ, ки нисбати онҳо уҳдадориҳои ҳуқуқӣ (шартнома) вуҷуд доранд, дохил карда мешаванд.

34. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағи қарз, грант ва ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ аз руйи (замимаи №2) дар якҷоягӣ бо марказҳо ва гуруҳҳои татбиқшавандаи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ барои соли дахлдорро тибқи тартиби муқарраргардида таҳия ва ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

35. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ТАМБ-ҳои пешбаранда нишондиҳандаҳои хароҷоти заминавии сармоягузориро пешниҳод менамояд.

36. ТАМБ-ҳои пешбаранда дар асоси маълумоти пешниҳодгардида, хароҷоти ҷории дарпешистодаро барои иншоотҳое, ки ба истифода додани онҳо дар давраи миёнамуҳлат ба нақша гирифта шудааст, баҳогузорӣ менамоянд.

37. Тартиби ҳисоб, шаклҳо ва талаботи асосӣ барои ҳисоби хароҷоти заминавӣ, аз ҷумла сармоягузорӣ, тибқи замимаи №2 амалӣ мегардад.

38. Принсипҳои умумии муайянкунии хароҷоти заминавӣ:

- таҳияи ҳисобҳо дар асоси хароҷоти соли ҷорӣ, ки ҳамчун «соли заминавӣ» гирифта шуда, пешакӣ бо дарназардошти чорабиниҳои (хароҷоти) алоҳида ва истисноӣ тағйирёфта ё «замина»-и ҳисобҳо дурнамои охирини нишондиҳандаҳои буҷетӣ (барои соли оянда) ба инобат гирифта мешавад;

- баҳисобгирии ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории мавҷуда, ки дорои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошанд;

- баҳисобгирии талаботи гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, махсусан аз ҳисоби осебпазири аҳолӣ, ба хизматрасониҳои давлатӣ;

- муайян намудани алоқамандии хароҷоти асосӣ (сармоягузориҳо) бо хароҷоти ҷорӣ.

## 4.2. ДАРХОСТҲО БАРОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАШАББУСИ НАВ

39. Дархостҳо барои маблағгузории ташаббусҳои нав дар ҳолати мавҷуд будани ҳаҷми маблағи кофие, ки мумкин аст барои маблағгузории чорабиниҳои нав ва/ё васеъкунии чорабиниҳои татбиқшавандаи сиёсати давлатӣ равона гарданд, таҳия мегарданд.

40. Дархостҳо барои маблағгузории ташаббусҳои нав пешниҳоди маълумоти пурра ва мушаххасро оид ба чорабиниҳои банақшагирифташудаи соҳа дар давраи миёнамуҳлат, ки дар давраи ҳозира маблағгузорӣ карда намешаванд ё қисман маблағгузорӣ мегарданд, пешбинӣ менамоянд.

41. Дархост метавонад чорабиниҳои нав ё ин, ки васеъ намудани доираи фаъолияти сиёсати амалишавандаро дар бар гирад.

42. ТАМБ-ҳои пешбаранда на зиёда аз 3 дархости калидии ташаббусҳои буҷетиро барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2026-2028) ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод менамоянд.

43. Талаботи асосӣ барои пешниҳоди дархостҳо:

- мувофиқ бо афзалиятҳои калидии миллӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида, инчунин (паёми солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегия ва барномаҳои милливу соҳавии қабулшуда муайян шудаанд;

- муайян намудани дараҷаи алоқамандӣ бо ҲРУ, муаррифии нишондиҳандаҳои ҲРУ, дар алоқамандӣ ба ин ташаббус;

- баҳодиҳии таъсири гендерии ташаббуси нав ба ҳуқуқҳо, мақом ва имкониятҳои гурӯҳҳои гуногуни шаҳрвандон, бахусус қишрҳои занони осебпазири аҳолӣ;

- дархостҳо барои ташаббусҳо (афзалиятнок)-и буҷетӣ бояд аз нуқтаи назари молиявӣ асоснок бошанд ва ба захираҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ мувофиқ бошанд. Ҳаҷми умумии ҳамаи дархостҳои ташабусҳои нав дар ҷамъ бо хароҷоти заминавӣ, набояд аз доираи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2 муайяншуда зиёд набошад.

44. Дархостҳои ташаббусҳои буҷетии вазорату идораҳое, ки ба меъёрҳои болозикр ҷавобгӯ нестанд, ҳамчун ғайриқобили қабул эътироф карда мешаванд ва минбаъд баррасӣ намешаванд.

45. Тартиби ҳисоб, шакл ва талаботи асосӣ оид ба таҳияи дархостҳо барои ташаббусҳои нав тибқи замимаи №2 амалӣ карда мешаванд.

## 5. ҲИСОБ ВА ТАҚСИМОТИ ҲАДДИ НИҲОИИ ХАРОҶОТ

46. Ҳадди ниҳоии хароҷоти соҳаҳо дар асоси ҳисоби хароҷоти заминавии самтҳои асосии сиёсати хароҷоти давлатӣ, ки аз ҷониби ТАМБ-ҳои пешбаранда таҳия мегарданд, ташаккул меёбанд.

47. Тақсимоти хароҷоти буҷет аз рӯйи барномаҳо ва муайян намудани ҳадди ниҳоии он алоқаи байни марҳилаҳои якум ва дуюми таҳияи буҷет, яъне таҳияи лоиҳаҳои буҷети солонаро муайян менамояд.

48. Дар лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ хароҷот ба таври зайл нишон дода мешавад:

- нақшаҳои хароҷоти соҳавӣ (ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи соҳа ва самтҳои сиёсати хароҷоти давлатӣ);
- тақсимоти маҷмӯи хароҷот аз рӯйи категорияҳои асосии иқтисодӣ.

49. Хароҷоти аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқулдонисташуда, ҳадди ниҳоӣ буда, ҳаҷми умумии захираҳои молиявиро барои ҳар як барномаҳои сиёсати буҷетӣ муқаррар менамояд.

50. Ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯйи барномаҳо, ки аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шудааст, ба ТАМБ-ҳои пешбаранда (тибқи ҷадвали №1) дар мӯҳлататҳои муқаррааргардидаи нақшаи тақвимии буҷетӣ пешниҳод карда мешавад.

51. ТАМБ-ҳои пешбаранда ҳадди ниҳоии барномаҳои пешниҳодкардаро аз рӯйи дигар ТАМБ дар доираи ҳаҷми самти дахлдори сиёсати хароҷоти давлатӣ тақсим менамоянд.

## 6. МУҲОКИМАИ БУҶЕТӢ

52. Дар оғози раванди буҷетӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣи байниидоравии буҷетӣ таъсис дода мешавад, ки онро яке аз муовинони Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд.

53. Ҳайати Гурӯҳи корӣи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муовинони роҳбарии вазорату идораҳои пешбаранда, ки масъалаҳои банақшагирӣ ва буҷетикунониро сарпарастӣ менамоянд, иборат мебошад.

54. Дар ҷараёни марҳилаи якуми таҳияи лоиҳаи буҷет дар мухлатҳои муқарраргардида Вазорати молия муҳокимаи буҷетиро оид ба баррасии дархостҳои Барномаи миёнамуҳтали хароҷоти давлатӣ ташкил менамояд.

55. Пешниҳоди дархости Барномаи миёнамуҳтали хароҷоти давлатӣ дар заминаи мутобиқат ба афзалиятҳои стратегии муқаррарнамудаи СМР 2030, БМР 2021-2025 ва аз ҷумла, дараҷаи таъсир ба ноил шудан ба ҲРУ баррасӣ мешаванд.

56. Дар муҳокимаи буҷетӣ, ТАМБ-ҳои пешбаранда ба Гурӯҳи корӣи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои маблағгузории стратегияи хароҷоти миёнамуҳлатро пешниҳод менамоянд, аз ҷумла:

- буҷети заминавии барномаҳои сиёсати буҷетии дахлдор;
- пешниҳод оид ба маблаггузории ташаббусҳои нав, (аз ҷумла лоиҳаҳои нави сармоягузорӣ) бо тақсимот ба барномаҳои дахлдор;

57. Қарори Гурӯҳи корӣи байниидоравии буҷети назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дархостҳо барои маблағгузории ташаббусҳои нав дар сутуни дахлдори ҷадвалҳои ҷамъбастӣ (шакли 2.6) инъикос гардида, бо Протоколи ҷаласаи Гурӯҳи корӣи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

58. Сохторҳои дахлдори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи ҳадди ниҳоии хароҷоти барномаҳои сиёсати буҷетиро ба Гурӯҳи корӣи байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

59. Ҳадди ниҳоии пешакӣ, аз ҷумла номгӯйи дархостҳои интихобшудаи самтҳои нав дар мухлати муқаррапгардида ба ТАМБ-ҳои пешбаранда пешниҳод карда мешавад.

60. Дар мухлати муқаррапгардида ТАМБ-ҳои пешбаранда номгӯйи масъалаҳои ҳалталабро ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасии минбаъда дар муҳокимаи буҷетӣ пешниҳод менамоянд.

61. ТАМБ-ҳои пешбарандаро дар муҳокимаи буҷетӣ муовини вазир ва сардори сохтори дахлдор муаррифӣ менамоянд.

62. Ҳангоми баррасии дархост дар ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои молиявии буҷет барои маблағгузории ташаббусҳои нав ба инобат гирифта мешаванд.

63. Қарор оид ба қабул ва пешниҳоди минбаъдаи номгӯйи дархостҳои қабулшуда ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

64. Масъалаҳое, ки ҳалли худро дар сатҳи Гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молия наёфтанд, ба рӯзномаи ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баррасии минбаъда ва қабули қарор ворид карда мешаванд.

65. То баргузории муҳокимаи буҷетӣ дар ҷаласаи комиссияи доимамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муҳлати муқарраргардида, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархостҳои интихобгардидаро ба ТАМБ пешниҳод менамояд.

66. ТАМБ-ҳои пешбаранда оид ба мавҷуд будани масъалаҳои ҳалталаб аз рӯйи дархостҳои пешниҳодгардида, дар муҳлати муқарраргардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол менамоянд, ки онҳо дар муҳокимаи буҷетӣ дар ҷаласаи комиссияи доимамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд.

67. Ҳадди ниҳоии хароҷоти барномаҳои сиёсати буҷетӣ, аз ҷумла хароҷот барои татбиқи ташаббусҳои нави буҷетӣ аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул карда мешаванд.

**Замимаҳо.**

Шаклҳои таҳия ва пешниҳоди маводҳои дар Дастурамали мазкур муқарраршуда дар сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи руйхати зерин барои боргирӣ дастрас аст.

| Номгу | Боргирӣ |
|---|---|
| **Замимаи 1** "Ҳисоби дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ барои соли 2026 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2027-2028 | https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2295 |
| **Замимаи 2.** "Дархост барои маблағгузории стратегияи хароҷоти миёнамуҳлат", аз ҷумла | https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2296 |
| Шакли 1. Тавсифи барномаҳои сиёсати буҷетӣ | |
| Шакли 1.1. Нишондиҳандаҳои заминавии хароҷоти ҷорӣ | |
| Шакли 1.2. Муайян кардани хароҷоти заминавӣ тибқи зербарнома | |
| Шакли 1.3. Нишондихандахои заминавӣ барои лоиҳаҳои амалкунандаи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД), Лоиҳаҳои сармоягузориҳои асосии марказонидушуда (ЛСАМ) | |
| Шакли 2. Дархост барои маблағгузории ташаббусҳои нав | |
| Шакли 2.1. Дархост барои маблағгузории ташаббуси нав | |
| Шакли 2.2. Ҷамъбасти ташаббусҳои нави буҷетӣ | |
| Шакли 2.3. Хароҷоти миёнамуҳлати лоиаҳои нави афзалиятнок сармоягузорӣ | |
| Шакли 2.4. Хароҷоти миёнамуҳлати иншоотҳои нави афзалиятнок сармоягузории давлатӣ | |
| **Замимаи 3.** Ҳадди ниҳоии хароҷот | https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2297 |
| **Замимаи 4.** Нишондиҳандаҳои хароҷоти заминавии буҷетҳои маҳаллӣ | https://moliya.tj/Admin/Documents/GetFile/2298 |